## ТАҚРИЗ

Ба автореферати рисолаи номзадии Абдурасулова Наргис Анваровна дар мавзӯи "Асари ҳароратии воридшавии туфони чангӣ дар атмосфераи Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба тағйирёбии иқлиму ҳосилнокии зироатҳои хоҷагии қишлоқ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикию математика, аз рӯйи ихтисоси 25.00.30- Обуҳавошиносӣ, иқлимшиносӣ, обуҳавошиносии кишоварзӣ.

Тағйирёбии иқлим дар замони ҳозира, яке аз муҳимтарин масъала дар ҷаҳон ба шумор меравад, ки ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз он ҷумла ба кишоварзӣ таъсири калон мерасонад, махсусан туфонҳо ва ғуборҳои гардор. Ин ду намуди ҳодисаи атмосферӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва дарахтони ҷангалӣ (махсусан писта, дар давраи гулкунӣ ва ҳосилбандӣ) зарари калон мерасонад. Муҳимии ин масъаларо дар назар гирифта Абдурасулова Наргис Анваровна дар назди худ мақсад гузошта аст, ки таъсири ҳароратии воридшавии туфонҳо ва ғуборҳои гардор ба қабати наздизаминии атмосфераи минтақа, бо назардошти таъсири рӯйдодҳои физикии ба хусусиятҳои хоси табиию иқлимии Тоҷикистон алоқаманд; муайян намудани вобастагии чунин таъсирҳои ҳароратро бо вазъи муҳити атроф ва ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ муайян намояд.

Инро ба назар гирифта, тадқиқотчӣ бори аввал табиати инверсионии таъсири қаторкӯҳҳоро ба ҷараёни синоптикии ҳаво ошкор намуда, тавассути он тағйирёбии давомнокии воридоти гардҳо ва ҳарорати ҳавои минтақаҳои наздикӯҳиро шарҳ дода аст; сабабҳои физикии пайдошавии қабатҳои устувори амудии инверсионию диффузионии ҳаво, ки боиси сустшавии раванди мубодилаи гармӣ ва баландшавии ҳарорати шабонаи ҳаво мешаванд, ки на танҳо барои зироатҳои кишоварзӣ, балки барои дарахтзори ҷангалӣ бисёр муҳим мебошад, муайян карда шуд; механизми физикии пайдошавии ҳаракати гардбодии амудии ҳаво ва афзудани таъсири ҳароратии аэрозоли гард бо хосиятҳои гармофизикии ҳаво муқаррар карда шудааст ва ғайра.

Аз рӯйи мазмуни автореферати рисолаи номзадии Абдурасулова Н.А. хулоса баровардан мумкин аст, ки тадқиқотчӣ корҳои зиёди илмиро гузаронида аст, ки аҳамияти калони илмию истеҳсолӣ дорад. Натиҷаҳои ба даст овардаи диссертантро на танҳо дар соҳаи кишоварзӣ, балки дар хоҷагии ҷангал ҳангоми бунёди пистазор дар минтақаҳои гуногуни табиию иқлимии ҷумҳурӣ низ васеъ истифода бурдан мумкин аст.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки рисолаи номзадии Абдурасулова Н.А. дар мавзӯи "Асари ҳароратии воридшавии туфони чангӣ дар атмосфераи Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба тағйирёбии иқлиму

хосилнокии зироатхои хочагии кишлок", аз рӯйи ихтисоси 25.00.30- Обуҳавошиносӣ, иқлимшиносӣ, обуҳавошиносии кишоварзӣ пешниҳод карда шуда, рисолаи илмии аҳамияти калони илмию амалӣ дорад. Аз рӯйи ҳаҷм, навигариҳои илмӣ, моҳияти назариявию амалӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои ба даст овардашуда, рисолаи мазкур ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаи илмӣ"-и КОА-и назди Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муллифи он Абдурасулова Наргис Анваровна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикӣ ва математика аз рӯйи ихтисоси 25.00.30- Обуҳавошиносӣ, иқлимшиносӣ, обуҳавошиносии кишоварзӣ мебошад.

Аҳмадов Ҳукматулло Маҳмудович – доктори илмҳои кишоварзӣ, академики АИКТ, профессори кафедраи хоҷагии ҷангал ва бунёди чаманзори факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, 734003 Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146, тел. +992 939595500, e-mail: ahmadov@yandex.ru

Аҳмадов Ҳукматулло Маҳмудович

«30» августи соли 2021

Имзои Аҳмадов Ҳ.М-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур — Зуҳуров З.Г.